# ТАҚРИЗИ

**муқарризи аввал, доктори илмҳои филологӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович ба диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Соҳаи онтолингвистика яке аз самтҳои нави забоншиносӣ буда, ба пайдоиши овозҳо дар нутқи кӯдак, ташаккули нутқ ва фаъолияти гуфтории кӯдакони синни шашсола бахшида шудааст.

Сарфи назар аз мавҷуд будани таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт доир ба мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик пажӯҳиши мукаммалу мураттабе ба аном нарасидааст.

Дар ин замина чунин мулоҳиза ҷоиз аст, ки интихоби мавзӯъ дар самти нави онтолигвистика муҳим ва бамаврид буда, онро оғози яке аз самтҳои наву мубрами забоншиносӣ пазируфтан ҳисобидан дуруст мебошад.

Истифодаи ҳаматарафаи усулҳои фарогири таҳқиқ дар ин самт бо мақсади ошкор сохтани шаклгирии овозҳои нутқи кӯдак ва вижагиҳои сарфию наҳвии забони ӯ дар минтақаи корбурди забони тоҷикӣ аз арзишмандии мавзӯи таҳқиқот дарак медиҳад.

Дар кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё шаклгирии нутқи кӯдак, омилҳои фарогири забони онҳо, вижагиҳои овозӣ, сарфиву наҳвӣ, луғавӣ ва калимасозӣ бо шеваи бунёдӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Нахустин бор дар забоншиносӣ ба воситаи таҷрибаи хотиранависӣ дар забоншиносии тоҷик шаклгирии нутқи кӯдакон ба риштаи таҳқиқи кашида шудааст.

Сохтори диссертатсия барои иҷрои вазифаҳои муайяншуда ва расидан ба ҳадафи пажӯҳиш мувофиқ буда, мухтавои таҳқиқотро дар

заминаи назарияи илмӣ-методологӣ фаро мегирад ва муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёту манбаъ иборат аст.

Муаллиф даар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, заминаҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дуруст ва мантиқӣ муайян кардааст. Боб, фасл ва зерфаслҳои кор тарҳи ягонаи корро ба вуҷуд овардаанд ва ба ҳам дар робитаи мантиқӣ қарор доранд.

Боби аввали диссертатсия **"Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика"** унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб "Пажӯҳиш ва омӯзиши нутқи кӯдак дар забоншиносии Ғарб" диссертант пажӯҳишҳои аввалини ташаккули нутқи кӯдакро дар забоншиносии Аврупо тасвир ва баррасӣ кардааст.

Таваҷҷуҳи диссертантро асосан пажӯҳишҳои олимони олмонӣ ва австриягӣ дар нимаи асри XIX роҷеъ ба ташаккул ва талаффузи нутқи кӯдакон ҷалб кардаанд. Унвонҷӯй ба ин таҳқиқот бо назари интиқодӣ нигариста, таъкид месозад, ки дар марҳалаи аввал омӯзиши нутқи кӯдак бо шеваи навиштани хотираҳо амалӣ мешуд ва ин хотираҳои таҳқиқотӣ аз норасоӣ холӣ набуданд, зеро заминаи назариявии онҳо устувор набуд ва ташаккули системаи забонӣ дар нутқи кӯдак камтар мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Аз ҷумлаи ин муҳаққиқон Сайдалиева М.Х. олимон Х.Тейна (таҳқиқот дар с. 1876), Чарлз Дарвин (с.1877) В. Прейерро (с.1889) ном мебарад, ки асосан рӯйи нутқи фарзандони худ мушоҳидаву мулоҳизаҳо гузаронидаанд.

Ба ҳамин шева омӯзиши ташаккули нутқи кӯдак аз ҷониби олимони рус дар фасли дуюми ин боб бо номи "Шинохти онтолингвистика дар Россия" бо сайри таърихии омӯзиши онтолингвистика сурат гирифтааст.

Дар фасли сеюми ин боб “Шинохти нутқи кӯдак дар забоншиносии тоҷик” диссертант оид ба омӯзиши овозҳо, калимаҳо, омилҳои рушди нутқи кӯдак бо истифодаи намунаҳои боэътибори адабиёти классикиву муосир мулоҳиза ронда, бо андешаҳои бузургон хулосаҳои худро устувор сохтааст. Чунин мушоҳидаи ӯ қобили дастгирист, ки таҳлилу баррасии масъалаи омӯзиши нутқи кӯдакон аз замонҳои пеш аз тарафи донишмандони миллати мо сурат гирифтааст.

Боби дуюми рисола **“Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак”** номида шуда, аз ду фасл ва ду зерфасл иборат мебошад. Диссертант кӯшидааст, ки дар боби мазкур масоили муҳимми бунёдие чун шинохти зинаҳои ташаккули нутқи кӯдак, шаклгирии нутқ, омилҳои шаклгирии нутқи кӯдак ва қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии коммуникативии ӯро баррасӣ кунад.

Фасли аввали боби дуюми рисола “Шинохти зинаҳои ташаккули нутқи кӯдак” ном дошта, зерфасли он “Шаклгирии нутқи кӯдак” унвон гирифтааст, ки дар он аз ҷониби муаллиф  ҳар як давраи инкишофи нутқи кӯдак аз рӯйи таснифоти муҳаққиқон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Диссертант  қайд мекунад, ки тибқи ин таснифот давраи аввали инкишофи нутқи кӯдак, ки онро омӯзишӣ ё фарогирӣ мегӯянд, зинаи хеле муҳим барои ташаккули минбаъдаи нутқи кӯдак ба ҳисоб рафта, бе ёриву кӯмаки атрофиён инкишоф ёфта наметавонад. Тибқи мушоҳидаи муаллиф, дар ин марҳила кӯдакон садоҳои кӯтоҳ мебароранд, ки баъдтар садоҳои вокализатсияшуда дарозтар ба монанди занҷираҳо мешаванд.

Ҳамчунин, М.Сайдалиева чунин мешуморад, ки дар давраи *тонутқӣ*, ки онро *давраи то созмон ёфтани нутқ* номидан беҳтар аст, калимаҳо вуҷуд надоранд, кӯдакон танҳо садоҳои гуногунро барои ифода ва хоҳишҳои худ истифода мебаранд. Барои ташаккули минбаъдаи нутқ ин давра аҳаммияти бузург дорад. Ҳамин садоҳои яксолагӣ минбаъд шаклҳо ва маъниҳои дигарро мегиранд. Дар тифлӣ

(ҳатто ҳангоми дар батни модар будан) маҳорати махсуси шинохти нутқи одамро пайдо мекунанд ва нутқи ба онҳо нигаронидашударо низ дарк мекунанд

Фасли дуюми ин боб аз ду зерфасл иборат аст: "Омилҳои шаклгирии нутқи кӯдак" ва "Қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии комуникативии кӯдак".

Дар зерфасли аввал "Омилҳои шаклгирии нутқи кӯдак" дар асоси назарияҳои муҳаққиқон ва мушоҳидаҳову таҷрибаҳои гузаронидаааш, диссертант низ доир ба ташаккули нутқи кӯдак дар муҳити тарбияи миллӣ баъзе андешаҳои худро баён кардааст.

Чунин мушоҳидаҳои диссертант ҷолиб аст, ки дар ҷамъияти имрӯза ва муҳити хона ба сабаби кам будани таваҷҷуҳ ба ташаккули нутқи кӯдакон захираи луғавии онҳо аз ҷиҳати калимаҳои адабӣ коста ба назар мерасад. Сарфи назар аз ин беэътибориҳо, кӯдакон тахайюлоти аҷиби худро ба воситаи овозҳои фонологӣ ва луғавии худ инъикос менамоянд.

Ба андешаи унвонҷӯй, калимаҳои кӯдакона – лексикаи кӯдакона, дар давоми солҳои зиёд пай дар пай ва силсилавӣ пайдо шудани фонемаи нутқи кӯдакро одамон дар хотир нигоҳ дошта, ба кӯдакони дигар дар шакли шифоҳӣ мерасониданд. Калонсолон медонистанд, ки пеш аз "бобо" гуфтан кӯдакон аввал "баба" мегӯянд: ***ов*** (об), ***нун*** (нон), ***ду-ду*** (бозӣ, берун), ***ешт*** (нест), ***оже*** (ҳозир), ***пус*** (пӯш), ***а ма*** (аз ман), ***била-била*** (бирав), ***ча-ча*** (даст), **бух** (ҳайвон), ***ува*** (дардманд), ***ди-дид, би-биб*** (мошин), ***акъ*** (накун), ***ло-ло*** (либоси нав, тоза, хушрӯй), ***тай-тай*** (қадам мондан), ***бува*** (бибӣ), ***те-те*** (деҳ), ***ка-ка, қа-қа*** (қанд ё шириниҳои дигар), ***ни-ни*** (кӯдак), ***ту-ту*** (паранда), ***дада*** (падар), ***да-да*** (задан).

Тавре болотар қайд намудем, зерфасли дуюми фасли дуюм "Қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии комуникативии кӯдак" ном гирифтааст, ки оғози он ҷаолиби диққат аст, зеро муаллиф зерфаслро бо саволи "Қонуниятҳои инкишофи тавонмандии коммуникативии кӯдак

гуфта мо чиро дар назар дорем?” шурӯъ мекунад ва дар зер ба он дар заминаи таҳқиқи худ посух медиҳад. Аз рӯйи таъкиди диссертант, зери ин мафҳум раванд ва маҳорати ноаёни кӯдаконро, ки забонро дар муддати кӯтоҳ аз худ мекунанд, метавон фаҳмид. Дар идомаи ин фасл М.Сайдалиева тавонмандии сухангӯйии кӯдакро аз рӯзи таваллуд то синни 6-7 солагии он ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба андешаи муаллиф, кӯдакон вақте таваллуд мешаванд, тавонмандии забонӣ надоранд, аммо дорои мағзи сар ҳастанд, ки қобили рушд буда, имкони фаъолият ва муоширатро дар ҷамъият фароҳам меорад.

Боби сеюми рисола **“Таҳлили забонии нутқи кӯдак”** унвон дошта аз се зерфасл иборат аст. Зерфасли якум “Вижагиҳои фонетикии нутқи кӯдак” номгузорӣ гардида, муаллифи рисола ҷиҳати овозии нутқи кӯдак ва ташаккули нутқи кӯдакро дар талаффузи садонок ва ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳодисаҳои гуногуни фонетикӣ ба монанди *ихтисоршавӣ*, *ҷойивазкунӣ*, *бадалшавӣ* бо мисолҳо таҳлил карда шудаанд.

Дар рисола баъзе хусусиятҳои овозҳои забони тоҷикӣ дар нутқи кӯдак хуб таҳлил ёфтааст. Дуруст қайд шудааст, ки тавонмандии ҳар кӯдак гуногун аст. Аз маҳорати ҳар кӯдак метавон хулоса намуд, ки як маротиба истифодаи калимаи худсохт ба ӯ пирӯзии фикрро дода бошад, сабаби сохтани дигар калимаҳо метавонад боиси шавқмандии ӯ шавад.

Унвонҷӯй ба чунин хулосаи дуруст омадааст, ки давраҳои ташаккули нутқи кӯдак ба ташаккули ҷисмонии кӯдак вобаста аст. Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки барои шаклгирии дурусти фонетикии забон дар нутқи кӯдакон пайвандон дорои масъулиятҳои муайян мебошанд. Яке аз ин масъулиятҳо дар он зоҳир мегардад, ки барои созмон ёфтани нутқи кӯдак бояд шаклҳои гуногуни бозӣ ба нақша гирифта шавад, ки он дар андешаи тифлон як намуди фаъолият дониста мешавад.

Фасли дуюм “Таркиби ибтидоӣ ё захираи луғавии нутқи кӯдак ва вижагии он” унвон дошта, дар он асосан ташаккулёбии захираи луғавии кӯдак мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муалифи рисола бар он андеша аст, ки кӯдакон дар 5-солагӣ қоидаҳои грамматикии забони модариро пурра ёд мегиранд. Баъзе қоидаҳои мураккаби наҳв дар даврони мактабӣ ҳам барои кӯдакон ба душворӣ ба даст меоянд ва рушди қолабҳои наҳвӣ дар нутқи кӯдакон ба муоширати пайвандон вобастагӣ дорад. Шумораи калимаҳои ёдгирифтаи кӯдак дар ин синни томактабӣ ба 5000-6000 мерасад. Унвонҷӯй дуруст қайд кардааст, ки дар ин давра яке аз зинаҳои ташаккули захираи луғавии кӯдак ба раванди калимасозӣ алоқаманд аст, чунки аз ҳисоби калимаҳои сохтаи кӯдак фонди луғавии ӯ зиёд мегардад. Агар кӯдак калимаро дар шакли пурра надонад, бо истифода аз қоидаҳои пешинаи фарогирифтаи худ калимасозӣ мекунад.

Фасли сеюм “Маҳорати когнитивии фарогири грамматика” ном дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар онҳо муаллиф роҷеъ ба механизми аз худ гардидани қоидаҳои грамматикӣ аз тарафи кӯдакон таваҷҷуҳ кардааст. Мувофиқи мушоҳидаҳои Саидалиева М.Х., шаклгирии грамматикӣ дар нутқи кӯдак аз 3-солагӣ оғоз мегардад, ки заминаҳояш дар давраи омӯзишӣ гузошта мешавад. Диссертант дуруст муайян месозад, ки то сесолагӣ дар нутқи кӯдак калимаҳои марбут ба ҳиссаҳои гуногуни нутқро вохӯрдан мумкин аст ва кӯдакон бештару зудтар калимаҳои муайяну мушаххасро ёд мегиранд. Бамаврид қайд шудааст, ки исмҳо бо миқдори зиёд ва бештар дар нутқи кӯдакон пайдо мешаванд ва аксар вақт ба вазифаи феъл низ истифода мешаванд. Ҳамзамон зиёд шудани калимаҳо дар ҷумла имкони мураккабтар шудани шакл ва ба вуҷуд омадани унсурҳои наҳв мешавад. Дар сухан нишонаҳои ҷудо намудани қисмҳои морфологии ҷумла ва шакли грамматикӣ пайдо мешавад. Батадриҷ бо ёрии ташаккули хотираи шунавоӣ, ки ташаккулдиҳандаи ҷиҳати мушоҳидаю фикрронӣ аст, мушаххасшавии маъноҳои ашёвии калимаҳо сурат мегирад. Дар баробари ин қобилияти ба

морфемаҳо ҷудо кардан пайдо шуда, баъзе категорияҳои грамматикӣ дар фаҳмиши аввалия аз худ карда мешаванд.

Чунин мулоҳизарониҳои Саидалиева М.Х. низ ҷолиб ба назар мерасанд, ки қоидаҳои грамматика дар нутқи кӯдакон яку якбора ба вуҷуд намеоянд. Онҳо қадамҳои нахустини худро дар дусолагӣ гузошта, кӯшиши ҷумла гуфтан мекунанд ва он дар нутқи кӯдакон аз истифодаи яквожаҳо оғоз мегардад. Кӯдаконе ҳастанд, ки дар сесолагӣ нутқи дуруст доранд, вале кӯдаконе низ ҳастанд, ки истифодаи ҷумлаҳои мураккабро то ба синни 6 ва 7-солагӣ  тадриҷан ёд мегиранд.

Ба назари мо, агар дар ин фасл ташаккулёбии нутқи кӯдак бо гурӯҳбандии синну сол сурат мегирифт, сифати кор боз ҳам хубтар мешуд.

Зерфасли якум “Вижагиҳои морфологии вожагони нутқи кӯдак” ном дошта, муаллифи рисола дар он кӯшидааст, ки хусусиятҳои морфологии нутқи кӯдакро нишон диҳад. Дар заминаи таҳлили маводи таҳқиқ муаллифи рисола муайян кардааст, ки корбурди феъл дар нутқи кӯдак аз пайдоиши ҷумлаҳои дукалимагӣ оғоз мегардад ва дар ин зимн аксари ҷумлаҳо аз исму феъл ташкил меёбанд, дар ташаккули нутқи кӯдак аз ҳиссаҳои нутк исму феълу сифат нақши асосӣ мебозанд. Барои муайян кардани хусусиятҳои муҳими морфологии нутқи кӯдак муаллиф бештар ба таҳлили феъл такя намудааст.

Дар зерфасли “Вижагиҳои наҳвӣ дар нутқи кӯдак” паҳлӯҳои гуногуни падидаҳои наҳвӣ дар ташаккули нутқи кӯдак таҳлил карда шудаанд. Дар ин фасл дар заминаи маводи фаровон мавқеи корбурди ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати оҳанг нишон дода шудааст. Ба андешаи муаллиф наҳви нутқи кӯдакон ҷумлаҳои амрӣ-хоҳишмандӣ, саволӣ, ҳикоягиро вобаста ба маҳорату малакаи кӯдак фаро гирифтааст. Дар ин маврид омӯзиши забони кӯдакони чанд боғча манзараи ташаккули ҷумлаҳоро дар нутқи кӯдак хубтар равшан месохт ва натиҷаҳои  назаррастаре ба даст меомад.

Муаллифи рисола аз сарчашмаҳо ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибосҳо овардааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш дар заминаи равиши муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули нутқи кӯдакро дар муҳити забони тоҷикӣ илман муайян кардааст.

Ин кори диссертатсионӣ пажӯҳиши арзишманди илмиву амалӣ буда, дар забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқоте мебошад, ки ба омӯзиши масъалаҳои шаклгирӣ, ташаккул ва дарки нутқи кӯдакон аз нигоҳи лингвистӣ бахшида шудааст.

Муқаррароти назариявии кор метавонад барои муҳаққиқони забоншиносии равонӣ ва соҳаҳои биология, педагогика, логопедия аз ҷиҳати омӯзиш ва муайян кардани мушкилоти шаклгирии нутқи кӯдак ва ташаккули илми онтолингвистикаи тоҷик кӯмаки ҳамаҷониба расонад.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия, шеваи баён ва услуби нигориш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна қобилияти хуби пажӯҳишгарӣ дошта, метавонад мустақилонаи таҳқиқоти илмӣ гузаронад ва вазифаҳои ҷиддии таҳқиқиро бо муваффақият иҷро намояд. Муоҳизаҳои асосии рисола дуруст муайян ва барои дифоъ пешниҳод гардидаанд.

Сарфи назар аз бодиққатӣ ва нозукбинии унвонҷӯй Сайдалиева М.Х. дар матни диссертатсияи мазкур ва автореферати он саҳву хатоҳои имлоиву услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар гаштани сифати нашри натиҷаҳои пажӯҳиш хоҳад шуд:

1. Ба назари мо, агар ҳамчун объекти таҳқиқ забони кӯдакони ҳама минтақаву маҳалҳои кишвар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегирифт, дараҷаи объективияти натиҷаҳои пажӯҳиш боз ҳам баландтар мебуд. Масалан, дар бисёр маҳалҳо кӯдак дардмандиро бо калимаи **уфа** ифода мекунад, дар рисола ба шакли **увва** омадааст, ки шояд он хоси як маҳал

бошад. Ҳар як вожа дар шеваҳо ба гунаи мухталиф омаданаш мумкин аст, масалан вожаи *падарро* кӯдаки намояндаи як шева ба шакли "дада", шеваи дигар "баба" ё "додо" ифода мекунанд. Ин гуна ҳолатҳо равшанӣ мехоҳад.

2. Вижагиҳои ҳар як ҳиссаи нутқро дар сухани кӯдак ба таври алоҳидагӣ дар асоси басомад нишон додан бештар мувофиқи мақсад мебуд. Ҳамчунин, таҳқиқ бояд дар дар заминаи гурӯҳбандии синнусолӣ гузаронида мешуд, ки ин амал натиҷаи бештару пурратаре ба бор меовард.

3. Унвони фасли 3 боби 3 дар мундариҷа ва дохили диссертатсия тафовут дорад: "Маҳорати когнитивии аз худ кардани грамматика" (дис., саҳ.2) ва "Маҳорати когнитивии фарогири грамматика" (дис., с.121).

4. Иштибоҳот дар матни тоҷикӣ ва русии автореферат ба назар мерасад: масалан, дар саҳифаи 8-уми фишурда ба забони русӣ ҷумлаи зерин вомехӯрад, ки аз ҷиҳати имло ва услуб нуқс дорад: "Почти зафиксисровано около 80-их речи разных детей". Шакли дурусти он бояд чунин бошад: "Зафиксирована речь около 80 различных детей". Шояд ин иштибоҳи тарҷума бошад, зеро ин ҷумла дар матни тоҷикии автореферат мавҷуд нест.

Ба ин монанд иштибоҳ дар ҷумлаи "Впервые в таджикском языке широко распространены анализ и рассмотрение этапов развития речи ребенка с учетом взглядов исследователей" аз банди нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи рисола ба мушоҳида мерасад (автореф. русӣ, с.8).

5. Дар рисола гоҳе иштибоҳоти имлоӣ ва услубӣ дучор меоянд, ба монанди: " таҳлили морфологии нутқи кӯдакон, маҳорати когнитивии нутқи кӯдак, баррасии сохти ҷумлаҳои кӯдакона, ки дар шакли яккалимагӣ ва дукалимагӣ – голофразҳоро сохта, дар зинаи дуюм қолабҳои наҳвӣ – алоқаманд кардан ва муносибати фоилӣ-мафъулӣ-феълиро фаро мегиранд"; "матраҳ намудани заминаҳои ташаккули нутқи кӯдак, ки дарбаргирандаи

омилҳои ирсӣ-таҷриба, ташаккули дастгоҳи нутқсоз ва таъсири муошират ба шаклгирии дурусти нутқи кӯдак, мувофиқи мақсад мебошад" (дис. С.10);

6. Ноустуворӣ дар риояи низоми ягонаи рақамгузории рисола ба назар мерасад.

Ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд. Унвонҷӯй вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро карда, ба ҳадафи пажӯҳиш расидааст.

Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак" таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муқаррароту натиҷаҳои асосии худ ва аҳамияти назариявӣ ва амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (доктор PhD), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Сайдалиева М.Х. барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

**Мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино", доктори илмҳои филологӣ** **Қосимов О. Ҳ.**

**734003, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино";**
**e-mail: olimjonk@yandex.ru**
«11» январи с. 2021.

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Косимов О.Х.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 11 » 01 2021 с/г